*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

FANOVAR

# Фановар

Нашри махсус

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

26 октябри соли 2024

№ 21-22
(211-212)

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

**Довталабони гиромӣ, қабл аз он ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бароятон муаррифӣ намоям, ба ҳар яки шумо барои ба номи пуршарафи донишҷӯи мактаби олӣ соҳиб шудан барору комёбӣ орзу менамоям.**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) соли 1990 таъсис ёфта, аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои вокеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олидоштаро, ки то замони Истиқлолият дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд. Донишгоҳ дар давоми 34 соли мавҷудияташ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 18 ҳазор мутахассиси рақобатпазирро тайёр намудааст, ки дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъолият карда истодаанд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари чараёни таълим ва дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ–омӯзгорӣ ва заминаи мустаҳками моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар чараёни таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ беш аз 1000 компютер, 22 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 33 озмоишгоҳи тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд. Донишгоҳ бо хати оптикӣ ба шабакаи Интернет пайваст мебошад. Мавҷудияти Академияи маҳаллии Cisco имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок намоянд ва соҳиби сертификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон баъди хатми Донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.

Донишҷӯён дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн иштирок намуда маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд ва нозукиҳои дӯхтани сару либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар армуғонҳоро аз худ намоянд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 30 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 140 таълимгоҳи олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. ДТТ ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд. Дар назди Донишгоҳ фаъолият намудани Маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонхои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва саворахои беодамро аз худ намоянд. Дар маркази мазкур ба донишҷӯён се нафар устодони варзида аз Кореяи Ҷанубӣ дарс меомӯзонанд.



**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ,**
**ректори донишгоҳ**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Полотск ба имзо расонид, ки дар заминаи он факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет дар назар дошта шудааст, ки донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 53 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад. Бо қарори Шурои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28-уми феврали соли 2020, №49 ду барномаи таълимии Донишгоҳ ба мухлати 5 сол ва як барномаи таълимӣ ба мухлати 3 сол, инчунин тибқи қарори Шурои мазкур аз 26 январи соли 2024, №81 ду барномаи дигари таълимӣ ба мухлати 5 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шуруъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳ ихтисоси нав- интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Соли 2022 дар Донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии куриёгӣ бо ҷалби омӯзгорон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда шудааст. Инчунин китобхонаи электронии Донишгоҳ бо истифода аз 30 адад компютер ташкил карда шудааст. Илова ба ин, як толори ташкили он-лайн дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки дарсҳо бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар гузаронида мешаванд.

Дар Донишгоҳ ҳамасола озмунҳои "Ихтироъкори ҷавон" ва "Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯӣ" гузаронида шуда, ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва тухфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

Дар назди кафедраҳои тахассусӣ 19 маҳфили илмӣ-инноватсионӣ фаъолият намуда, барои баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Довталабони гиромӣ! Агар Шумо мутахассиси баландихтисоси воқеан ҳам дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи мамлакат рақобатпазир шудан хоҳед, ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед.

**Рамази Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами 107 мебошад.**



# НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА НАРХИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ БАРОИ ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ ҚАБУЛИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Мабл. таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 5100<br>3850 | 1 |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ:<br>*1-49 01 01 02-технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ,*<br>*1-49 01 01 03 -технологияи консервкунонӣ,*<br>*1-49 01 01 04 -технологияи истеҳсоли маҳсулоти туршшаванда ва шароббарорӣ,*<br>*1 -49 01 01 06 -технологияи равғани растанӣ,*<br>*1-49 01 01 08 -технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона.* | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-540103-02 | Сертификатсияи молҳои хӯрокворӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-1901010202 | Дизайни дохили бино (интерер) | Рӯзона | 5800 | 3 |
| 1-19010105 | Дизайн (сару либос ва газвор) | Рӯзона | 5800 | 3 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 4910<br>3850 | 1 |
| 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 1-190101-0501 | Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ - ғоибона | 5800<br>4510 | 3 |
| 1-500301-02 | Технологияи трикотаж | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-500301-02 | Технологияи маводи нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-480102-09 | Технологияи ороиш ва рангубори масолеҳи нассоҷӣ | Рӯзона | 4910 | 1 |
| 1-500201 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулот аз чарм | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 1-50010101 | Ресидани нахи табиӣ | Рӯзона | 5100 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет –технологияҳо | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-40 03 01 | Интеллекти сунъӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-310306-0202 | Моделиронии иқтисодӣ-математикӣ, таҳлил ва ояндабинӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-400102-05 | Низом ва технологияи иттилоотӣ (фаъолияти идоракунӣ) | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-950202 | Истифодабарии дастгоҳҳои парвозкунандаи беҳавонавард | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-550101-01 | Дастгоҳҳои зеҳнӣ, мошинҳо ва истеҳсолот | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-530106 | Роботҳои саноатӣ ва комплексҳои робототехникӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика) | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 1- 08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн) | Рӯзона | 4910 | 3 |
| 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | Рӯзона | 5100 | 1 |
| 1-430105-05 | Манбаъҳои ғайрианъанавӣ ва барқароршавандаи энергия | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 1 |
| 1-310402-15 | Низомҳои телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ | Рӯзона | 5800 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5800 | 1 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-25010805 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-240101-16 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати сабук) | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-250111-01 | Аудит ва ревизия дар саноат | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-250102-02 | Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-250101-04 | Иқтисодиёти инкишофи илмию технологӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5830<br>4510 | 2 |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5800 | 2 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| 1-260203-07 | Маркетинги корхонаҳои саноатӣ | Рӯзона<br>Фосилавӣ – ғоибона | 5800<br>4510 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН *** | | | | |
| 1-360701 * | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти химиявӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | Рӯзона | 5830 | 1 |
| 1-700501 * | Банақшагирӣ, барпо кардан ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5830 | 1 |

* - донишҷӯён ду соли аввалро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва се соли боқимондаи таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус идома медиҳанд.

ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!

Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.

Суроғаи мо:
ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
Тел. (+992 37) 234-79-88 / 234-79-90
Суроғаи электронӣ: rectorat-tut@mail.ru
Саҳифаи Интернет: http//www.tut.tj

# НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮИ ИХТИСОС (PHD)-И ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026

| 1№ | Рамзи ихтисос | Иихтисос | Тибқи иҷозатномаи Т-ИФ №0005159 аз 13.05.2024 | Нақшаи қабул (Ҳамагӣ) | Шуъбаи рӯзона: Буҷетӣ – Тоҷикӣ | Буҷетӣ – Русӣ | Шартномавӣ – Тоҷикӣ | Шартномавӣ – Русӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **6D072400** | Мошинҳо ва таҷҳизотҳои технологӣ (аз рӯи соҳаҳо): | 9 | 4 | | 1 | 2 | 1 | 4 |
| 2 | **6D072410** | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати хӯрокворӣ) | 9 | 4 | | 1 | 2 | 1 | 4 |
| 3 | **6D072411** | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати сабук) | 8 | 3 | | 1 | 1 | 1 | 3 |
| 4 | **6D072700** | Технологияи маҳсулоти хӯрока (аз рӯи соҳаҳои татбиқ) | 9 | 4 | | 1 | 2 | 1 | 4 |
| 5 | **6D073300** | Технология ва лоиҳакашии маснуоти нассоҷӣ | 9 | 4 | | 1 | 2 | 1 | 4 |
| 6 | **6D070500** | Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ | 6 | 6 | 1 | 2 | 2 | 1 | 6 |
| 7 | **6D050601** | Назарияи иқтисод | 6 | 3 | | 1 | 1 | 1 | 3 |
| 8 | **6D050701** | Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ (бо нишондодани ришта ва соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла иқтисод, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо; иқтисоди аҳолӣ ва демография; иқтисоди соҳибкорӣ) | 7 | 4 | 1 | | 2 | 1 | 4 |
| **Ҳамагӣ** | | | **63** | **32** | **2** | **8** | **14** | **8** | **32** |
| | | | | | **10** | | **22** | | |

# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАҚАМҲО

Дар сохтори донишгоҳ 8 факультет, шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, 20 кафедра, 4 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе” фаъолият доранд.

***

Дар донишгоҳ 127 синфхона, аз ҷумла 42 синфхонаи лексионӣ, 22 компютерӣ, 33 озмоишгоҳ ва 30 синфхона барои гузаронидани дарсҳои амалӣ мавҷуд аст.

***

Соли 2024 донишгоҳро 862 нафар донишҷӯ хатм намуданд.

***

Дар соли таҳсили 2024-2025 миқдори донишҷӯёни стипендиягиранда 397 нафарро ташкил медиҳад, ки як нафарашон гирандаи стипендияи Президентӣ мебошад.

***

Дар ДТТ тибқи квотаи Президентӣ 51 нафар донишҷӯ таҳсил менамояд.

***

Миқдори умумии омӯзгорони доимӣ (штатӣ) 163 нафарро ташкил медиҳанд.

***

Омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидоштаи доимии донишгоҳ 96 нафар мебошад, ки аз ин миқдор 8 нафарашонро доктори илм ва 88 нафарро номзадҳои илм ташкил медиҳанд.

***

Ба донишгоҳ 23 нафар омӯзгори ҳамкори берунаи дараҷа ва унвони илмидошта ҷалб карда шудаанд.

***

Сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён аз рӯи натиҷаи ҷамъбасти сессияи тобистонаи соли 2024-2025-ум 96, 4 фоизро ташкил дод.

***

Дар як соли охир дар донишгоҳ 3 нафар рисолаи докторӣ ва 6 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя намудаанд.

***

Аз ҷониби омӯзгорони донишгоҳ танҳо дар як соли охир 6 адад китоби дарсии тахассусӣ бо забони давлатӣ ва 8 монографияи илмӣ навишта аз чоп баровarда шуд.

***

Танҳо дар соли 2024 аз ҷониби омӯзгорони доимии донишгоҳ 11 ихтироот татбиқи амалии худро пайдо намуд.

***

Бо мақсади татбиқи илм дар истеҳсолот раёсати донишгоҳ дар назди 16 муассиса ва ташкилоту корхонаҳо филиалҳои кафедраҳои донишгоҳро таъсис додааст. Инчунин дар асоси шартнома ДТТ бо 150 корхонаву ташкилот ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

***

Аз 531 нафар хатмкардаи шуъбаи рӯзонаи соли таҳсили 2023-2024 430 нафарашон бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

***

Бо мақсади такмили ихтисоси омӯзгорони доимӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар хориҷи кишвар, танҳо дар як соли охир 22 нафар омӯзгору донишҷӯ фиристода шудааст.

# НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Тибқи иҷозатномаи Т-ИФ №0005159 аз 13.05.2024 | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | буҷетӣ | | шартномавӣ | | Ҳамагӣ |
| | | | рӯзона | | тоҷикӣ | русӣ | тоҷикӣ | русӣ | |
| 1. | M08010107 (01) | Таълимоти касбӣ (информатика) | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 2. | M08010110 (01) | Таълимоти касбӣ (дизайн). | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 3. | M1901010202 | Дизайни интерер | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 4. | M19010105 | Дизайни костюм ва газвор | 10 | 10 | 2 | 2 | 3 | 3 | 10 |
| 5. | M25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 6. | M250103 (01) | Иқтисодиёти ҷаҳон | 25 | 15 | 2 | 2 | 6 | 5 | 15 |
| 7. | M25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 8. | M250104 (10) | Молия ва қарз | 25 | 15 | 2 | 2 | 6 | 5 | 15 |
| 9. | M25010707 | Идораи лоиҳаҳо | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 10. | M250107(11) | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 11. | M25011024 | Таъмини иттилотии бизнес | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 12. | M26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 13. | M26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 14. | M26020210 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 15. | M26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 16. | M27010122 | Иқтисодиёт ва идораи захираҳои обӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 17. | M360901 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | 7 | 0 | | | | | 0 |
| 18. | M40010101 | Системаи компютерӣ ва интернет-технологияҳо | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 19. | M40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 20. | M40010103 | Системаи компютерии бонкӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 21. | M400101 (040708) | Таъминоти барномавии технологияи иттилоотӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 22. | M40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 23. | M43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 24. | M450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | 10 | 10 | 1 | 1 | 4 | 4 | 10 |
| 25. | M490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти ашёи хоми ғизоӣ | 8 | 8 | 1 | 1 | 3 | 3 | 8 |
| 26. | M49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 9 | 0 | | | | | 0 |
| 27. | M49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | 10 | 8 | 1 | 1 | 3 | 3 | 8 |
| 28. | M50010101 | Ресидани нахи табиӣ | 8 | 0 | | | | | 0 |
| 29. | M50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 30. | M50010108 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти нахҳои табиӣ | 8 | 0 | | | | | 0 |
| 31. | M50010109 | Технологияи маводҳои нассоҷӣ | 10 | 8 | 1 | 1 | 3 | 3 | 8 |
| 32. | M500102 | Лоиҳакашӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | 10 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 33. | M500201 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулот аз чарм | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 34. | M54010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 10 | 0 | | | | | 0 |
| 35. | M54010105 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрока) | 10 | 10 | 1 | 2 | 4 | 3 | 10 |
| 36. | M91010101 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 10 | 0 | | | | | 0 |
| **Ҳамагӣ** | | | **385** | **134** | **16** | **17** | **52** | **49** | **134** |
| | | | | | **33** | | **101** | | |

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

Қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар рухияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

**Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:**

1) вақти шабона - аз 1 апрел то 30 сентябр - аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март - аз соати 20:00 то соати 06:00;

2) кӯдак - шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст;

3) марказҳои дилхушӣ - клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок;

4) масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак - уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак;

5) тарбия - раванди ҳадафмандонаи ба воя расондани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

6) таълим - фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, донишомӯзӣ, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

7) шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд - васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, намояндагони дигари қонунии онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) эҳтироми кӯдак, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ;

2) таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

3) қонуният;

4) адолат;

5) инсондӯстӣ;

6) муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи кӯдак, аз ҷумла кӯдаки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарордошта;

7) пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак;

8) иштироки аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдак;

9) ногузирии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдак.

**Моддаи 5. Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборат мебошад:

1) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

2) таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ;

3) ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

4) мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар рухияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

5) таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии кӯдак;

6) роҳ надодан ба табъизи кӯдак, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳолати саломатӣ ва дигар аломатҳо;

7) дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳифз менамоянд.

**Моддаи 6. Ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак**

Мақомот ва ташкилоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, расонии маҳаллаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигарро дар амалишавии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ҷалб намоянд.

**БОБИ 2. МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ, САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТИ ОНҲО ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК**

**Моддаи 7. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд**

1. Мақомоте, ки барои таълиму тарбияи кӯдак масъуланд, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) ва мақомоти дигаре мебошанд, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд.

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, аз ҷониби Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешавад.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) тасдиқ ва назорати барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ;

4) тасдиқ намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилоти дигари даххлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилоти дигари даххлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

4) таҳия ва пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) таҳия ва пешниҳод намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

7) гузаронидани мониторинг дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

8) ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

9) андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

10) ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ;

11) дархости маълумот аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

12) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 10. Мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд**

1. Ба мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд, дохил мешаванд:

1) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

3) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

3. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) иштирок дар таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

4. Ваколатҳои мақомоти дигар, ки дар банди 3) қисми 1 ҳамин модда номбар шудаанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**БОБИ 3. КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК**

**Моддаи 11. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мақоми ҳамоҳангсози ҷамъиятӣ буда, дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд.

2. Низомнома ва ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

с. 5-6

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

3. Шумораи умумии аъзои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак набояд аз 7 нафар кам бошад.

4. Ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бояд кормандони милитсия, ходимони иттиҳодияҳои динӣ ва аъзои шурои занон дохил карда шаванд.

Моддаи 12. Вазифаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба амалисозии Қонуни мазкур мусоидат менамоянд.

2. Комиссияҳои ҷамъиятӣ риояи талаботи Қонуни мазкурро аз падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор ва шахсони дигар талаб намуда, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ВА ШАХСОНИ ОНҲОРО ИВАЗКУНАНДА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 13. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар**

Падару модаре, ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 14. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак**

Падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро доранд:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намоянд;

2) муассисаҳои таълимиро интихоб намоянд;

3) дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишомӯзии кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ, иштирок ва мусоидат намоянд;

4) дар фаъолияти мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ иштирок намоянд;

5) аз операторон ва провайдерони хизмати алоқаи барқӣ дар бораи аз тарафи кӯдак истифода шудани хизмати алоқаи барқӣ маълумоти дахлдорро ба таври ройгон гиранд;

6) ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи кӯдак ба муассисаи таълимӣ мурочиат кунанд;

7) азхудкунии барномаҳои таълимиро назорат намоянд;

8) ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки кӯдак дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд;

9) ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишомӯзии кӯдак шинос шаванд;

10) бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома банданд;

11) нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми аз ҷониби онҳо монеа эҷод кардан ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор мурочиат намоянд;

12) аз имтиёзҳои пешбинишуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд;

13) дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намоянд.

**Моддаи 15. Уҳдадориҳои падару модар дар таълими кӯдак**

Падару модар дар таълими кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд:

1) таълим гирифтани кӯдакро таъмин намоянд;

2) барои гирифтани таълиму тарбияи томактабии кӯдак тадбирҳо андешанд;

3) ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумии кӯдак монеъ нашаванд;

4) кӯдакро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароит муҳайё намоянд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, бидуни зарурати тиббӣ ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намоянд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳӣ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё намоянд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо маъмурияти муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф оид ба таълими кӯдак мунтазам ҳамкорӣ намоянд;

8) ба омӯзиши забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ мусоидат намоянд;

9) дар ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимӣ фаъолона иштирок намоянд;

10) талаботи дахлдори қоидаву тартибот ва санадҳои дохилии муассисаи таълимиро, ки кӯдак дар он таълим мегирад, риоя намоянд;

11) дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯзи кормандони муассисаҳои таълимӣ пешниҳоди туҳфаҳои молию пулиро аз ҷониби кӯдак манъ намоянд;

12) ҳама гуна пардохти маблағро аз ҷониби кӯдак ба кормандони муассисаҳои таълимӣ иҷозат надиҳанд;

13) гирифтани таълими ғайриқонунӣ, аз ҷумла таълими ғайриқонунии диниро аз ҷониби кӯдак роҳ надиҳанд;

14) таълими динии кӯдакро дар хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд;

15) уҳдадориҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълими кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 16. Уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи кӯдак**

Падару модар дар тарбияи кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд:

1) ба кӯдак тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;

2) пас аз таваллуд кӯдакро аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;

3) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак шароит муҳайё намоянд;

4) кӯдакро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

5) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волояти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва халқҳои дигар, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд;

6) оид ба рушди маърифати ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва муоширатро ба ӯ омӯзонанд;

7) кӯдакро дар руҳияи сарфаю сариштакорӣ ва муносибати эҳтиёткорона нисбат ба молу мулк ва арзишҳои дигар тарбия намоянд;

8) дар раванди тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набаранд;

9) шаъну шарафи кӯдакро эҳтиром намоянд ва ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;

10) новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳии кӯдакон, нисбат ба онҳо муносибати баробар дошта бошанд;

11) дар сурати хабардор шудан аз ҳолати кӯдаке, ки дар тарбияи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дорад, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд;

12) ба марказҳои дилхушӣ рафтани кӯдакро манъ намоянд;

13) гаштугузори кӯдаки то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;

14) аз соати 18:00 то соати 08:00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтани кӯдаки худро иҷозат надиҳанд;

15) бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани кӯдаки то шонздаҳсоларо дар ҷойҳои хатарнок манъ намоянд;

16) кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромии ҷомеа, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯча, хиёбон, майдон, ҷойҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳ, манзили истиқоматӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати харобкоронаи кӯдакро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

17) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истисноИ асбобу ашёи таълимӣ, манъ намоянд, инчунин ба гирифта гаштани онҳо роҳ надиҳанд;

18) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонанд ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намоянд;

19) ба кӯдак тамошои филмҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ, ваҳшатангезӣ, зӯроварӣ ва аксу наворҳои дигари манъшударо иҷозат надиҳанд;

20) аз тарафи кӯдак мақсаднок истифода шудани интернетро назорат намоянд;

21) ба кӯдак мутолиа ва паҳн кардани сабту наворҳои электронӣ (аз ҷумла тавассути телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯровариро манъ намоянд;

22) иштироки кӯдакро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноИ кӯдаконе, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;

23) ба кӯдак истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, маҳсулоти тамоку, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои мадҳушкунандаи дигарро манъ намоянд;

24) иштироки кӯдакро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;

25) ба кӯдак барои идора кардани воситаҳои нақлиёт бе шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин барои омадан ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ иҷозат надиҳанд;

26) ба кӯдак ҷиҳати интихоби касбу кор мусоидат кунанд;

27) ба оворагардӣ ва рафторҳои зиддиахлоқии дигари кӯдак роҳ надиҳанд;

28) кӯдакро ба кори ғайриқонунӣ ҷалб насозанд;

29) ба зишту касиф ва хароб намудани бинову иншоот, шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда ва расондани зарари дигар ба онҳо аз тарафи кӯдак роҳ надиҳанд;

30) дастрасии кӯдакро ба маводи сӯзандаю тарканда ва силоҳ иҷозат надиҳанд;

31) истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истисноИ як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон)-ро аз тарафи кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ манъ намоянд;

32) уҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд**

Шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд, дорои ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳое мебошанд, ки дар моддаҳои 14, 15 ва 16 Қонуни мазкур нисбат ба падару модар пешбинӣ шудаанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

## БОБИ 5. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗГОР

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро дорад:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намояд;

2) ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи кӯдак ба падару модар ва мақомоти давлатии дахлдор бо пешниҳод мурочиат кунад;

3) бо падару модар ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузорӣ шартнома бандад;

4) падару модарро ба ҷаласаҳо вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак даъват намояд;

5) иҷрои талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимиро аз ҷониби падару модар талаб намояд;

6) ҳангоми аз тарафи падар ё модар риоя накардани талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, ба мақомоти дахлдор мурочиат намояд;

7) нисбат ба шахсони воқеӣ ва мансабдор ҳангоми монеа эҷод кардани онҳо ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор мурочиат намояд;

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

8) ҳуқуқҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

**Моддаи 19. Ӯҳдадориҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак ӯҳдадориҳои зерин дорад:

1) ба кӯдак таълиму тарбияи дуруст диҳад;

2) омодагии кӯдакро ба таҳсилоти умумӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд;

3) талаботи таълимии кӯдакро бо дар назар гирифтани хоҳишу қобилият қонеъ гардонад;

4) барои таълими кӯдак шароит фароҳам оварда, воситаҳои зарурии таълимиро таъмин намояд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ бидуни зарурати тиббӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намояд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ барои таҳсил шароит муҳайё намояд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо падару модар ҳамкорӣ намояд;

8) бо тартиби муқарраршуда ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимиро ташкил ва баргузор намояд;

9) ба кормандони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби кӯдак пардохти ҳама гуна маблағро иҷозат надиҳад;

10) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак тадбирҳо андешад;

11) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва таҳаммулгароӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намояд;

12) оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги ҳамзистӣ дар ҷомеа ва муоширатро ба ӯ омӯзонад;

13) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истиснои асбобу ашёи таълимӣ, роҳ надиҳад;

14) ба кӯдак барои ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ омадан, истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон) дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳад ва дар сурати вайрон кардани ин талабот чораҳои дахлдор андешад, аз ҷумла ба мақомоти давлатии дахлдор хабар диҳад;

15) ӯҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**Моддаи 20. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зеринро дорад:

1) қоидаҳои одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намояд;

2) дар муассисаи таълимӣ либоси дахлдор пӯшад;

3) аз қабули ҳар гуна маблағ, аз ҷумла дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯз, аз гирифтани тӯҳфаҳои молию пулӣ аз таълимгирандагон худдорӣ намояд;

4) дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набарад;

5) ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи кӯдакро риоя ва эҳтиром карда, ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳад;

6) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонад ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намояд;

7) аз худкунии барномаҳои таълимиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгиранда талаб намояд;

8) новобаста ба нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, ҳолати саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар, нисбат ба кӯдакон муносибати баробар дошта бошад;

9) бо падару модар дар масъалаҳои давомот, дониш ва интизоми кӯдак ҳамкорӣ намояд;

10) бо тартиби муқарраршуда дарсҳои кушода ташкил карда, падару модарони таълимгирандагонро ба онҳо ҷалб намояд;

11) нисбат ба таълимгирандагоне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва шакли зоҳириашон ба талабот ҷавобгӯ нест, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модарро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

12) оид ба таълимгирандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ карда, аз хондан дур мемонанд, падару модар ва роҳбарияти муассисаи таълимиро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

13) аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳама гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берунанд, худдорӣ намояд;

14) барои инкишофи маҳорат, малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намояд;

15) барои дар озмуну олимпиадаҳо ва чорабиниҳои монанди онҳо иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намояд;

16) аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намояд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ карда, барои васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешад;

17) иштироки таълимгирандагонро дар маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва маҳфилҳои дигар, ҳамчунин созмонҳои хонандагон таъмин карда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намояд;

18) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, зебоипарастӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия кунад;

19) ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ намояд.

## БОБИ 6. ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ДАР САМТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 21. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак**

1. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, ӯҳдаоранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чораҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва тавонбахширо бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии онҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, инчунин ҷиҳати бартараф кардани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунандаро амалӣ намоянд.

2. Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва содир шудани амали номатлуб нисбат ба кӯдак, инчунин дар мавриди муайян шудани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

**Моддаи 22. Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак**

Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) гузарондани ташвиқот дар байни аҳолӣ ҷиҳати амалӣ шудани ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак;

2) баргузор намудани ҷаласаҳои падару модарон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак;

3) ташкил намудани «Рӯзҳои падару модар» дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади расондани кумаки педагогӣ, равонӣ, методӣ ба падару модарон;

4) аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардондани падару модаре, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи кӯдак муваффақона иҷро менамоянд;

5) андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи кӯдакон;

6) доир намудани суҳбатҳои пешгирикунанда;

7) роҳандозии корҳои инфиродӣ бо падару модар;

8) бо тартиби муқарраргардида муваққатан гирифтани кӯдак аз падару модаре, ки ӯҳдадориҳои худро ба таври дахлдор иҷро намекунанд ё ҳангоми мавҷуд будани хатар ба ҳаёт ва саломатии кӯдак;

9) андешидани чораҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълиму тарбияи кӯдак пешбинӣ кардааст.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 24. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод. 147; с. 2018, №5, мод. 283; с. 2019, №4-5, мод. 222; с. 2022, №6, мод. 353, №12, қ. 2, мод. 778) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 20 июни соли 2024, № 2049**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**«Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** Рустами ЭМОМАЛӢ
**ш. Душанбе, 19 июни соли 2024, № 500**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**«Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 8 майи соли 2024, № 1304**

# РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲ

**Бо мақсади хуб ба роҳ мондан ва густариш додани шаклҳои гуногуни ҳамкории донишгоҳ бо мактабҳои олӣ ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои мухталифи ҷаҳон, сафоратхонаҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва инчунин мусоидат намудан ҷиҳати ҷалби бештари донишҷӯён аз хориҷи кишвар, бо иқдоми бевоситаи ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар сохтори нави донишгоҳ идораи равобити хориҷӣ ташкил карда шудааст.**

Идораи равобити хориҷӣ аз оғози таъсисёбиаш то имрӯз ҳамчун шуъбаи равобити хориҷӣ фаъолият намуда, ҳамкориҳои донишгоҳро дар асоси шартномаҳои дуҷониба бо зиёда аз 100 донишгоҳу пажуҳишгоҳи гуногуни хориҷи дуру наздик ба роҳ монда, дар 5 соли охир барои таҳсил ва коромӯзии тақрибан 170 нафар донишҷӯю омӯзгор заминаи мусоид фароҳам овардаast.

Донишгоҳ дар заминаи ҳамкориҳои тӯлонӣ бо сафоратхонаҳои давлатҳои ИМА, Олмон, Русия, Чин, Ҷопон, Ҳиндустон, Индонезия ва ташкилоту барномаҳои байналмилалии сершумор, аз ҷумла, “Россотрудничество”, GIZ, ACTED, UNESCO, KOICA, ITC, “ERASMUS+”, Fulbright, GTEX ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, роҳандозии лоиҳаҳо ва дар ин замина ҷорабиниҳои муосири таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, табодули академии донишҷӯён ва бозомӯзии омӯзгоронро баргузор намудааст.

Маврид ба зикр аст, ки табодули донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар доираи амалигардонии лоиҳаҳои табодули академии барномаи Erasmus+ KA107 Иттиҳоди Аврупо сурат мегирад. Айни замон дар доираи барномаи мазкур дар донишгоҳ 6 лоиҳаи мубодилаи академӣ бо донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо аз қабили Донишгоҳи политехникии Браганза (Португалия), Донишгоҳи Валядолиди Шоҳигарии Испания, Донишгоҳи Гранадаи Шоҳигарии Испания, Донишгоҳи Падуяи Италия, Донишгоҳи Павислански Квидзини Лаҳистон татбиқ шуда истодаанд.



**РУШДИ ҲАМКОРИҲО БО ТАШКИЛОТИ «WTIT - ИНТИҚОЛИ ҶАҲОНИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН»**



**МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ ШАҲОДАТНОМАҲОИ ХАТМ БА ШУНАВАНДАГОНИ КУРСИ ЗАБОНОМӮЗИИ КОРЕЯГӢ**

Идораи равобити хориҷии донишгоҳ ҷиҳати дастрас намудани иттилооти зарурӣ оид ба барномаву озмунҳо, грантҳои таҳсилотӣ ба устодону донишҷӯён ёрии амалии худро мерасонад. Дар солҳои охир сафи донишҷӯёне, ки аз рӯи озмунҳои мухталиф дар кишварҳои хориҷии дуру наздик барои идомаи таҳсил, таҷрибаомӯзӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муваффақ мегарданд, торафт афзуда, ба ин васила фаъолиятнокии мубодилаи академӣ дар донишгоҳ ривоҷ меёбад.

Раёсати донишгоҳ барои донишҷӯён шароиту имкониятҳои мусоиди идомаи таҳсил ва таҷрибаомӯзиро дар хориҷи кишвар муҳайё намуда, бо донишҷӯёни муваффақи забондон ва дастовардҳои назарраси дар раванди таҳсил бадастоварда бо ҷалби мутахассисони касбӣ пайваста воҳурӣ ва семинару тренингҳо мегузаронад ва дар самти рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ аз донишу маҳорати онҳо истифода мекунад.

**Икромӣ Хуршед Икром,**
**муовини ректор оид ба**
**робитаҳои байналмилалӣ**

# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН – МАКОНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

**Довталабони гиромӣ, ман донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-0801010701-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буда, мехоҳам доир ба донишгоҳ каме маълумот диҳам.**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз донишгоҳҳои бануфузи кишварамон буда, барои саноати сабук мутахассисони баландихтисосро тайёр мекунад. Саҳни донишгоҳ хеле зебо буда, атрофашро гулҳои рангин ва дарахтони сарсабз иҳота кардаанд. Донишгоҳ ҳамқадами Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо вуҷуди ҷавон буданаш ба яке аз муассисаҳои бонуфузи кишварамон табдил ёфтааст.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ягона донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутахассисони баландихтисосро дар соҳаи саноати сабук ва хӯрокворӣ тайёр мекунад. Донишгоҳ дорои 8 факултет: муҳандисӣ-технологӣ; технология ва дизайн; технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ; менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ; иқтисодиёт ва молия; телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ; факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона мебошад.

Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ, ки ман дар он таҳсил мекунам, навтаъсис буда, сарварии онро номзади илмҳои физикаю математика Озодбекова Начмия Бекназаровна ба уҳда дорад. Омӯзгорони факултет матахассисони касбӣ ва ботаҷриба буда, тамоми нозукиҳои ихтисосро барои мо донишҷӯён меомӯзонанд. Факултет аз рӯи ихтисосҳои: 1-0801010701-таълимоти касбӣ (информатика), 1-0801011001-таълимоти касбӣ (дизайн), 1-45010301-шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, 1-43010601-технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ мутахассис тайёр мекунад.



Ба тамоми хонандагони синфҳои 11, ки мактабро хатм мекунанд, гуфтаниам ки ҳангоми интихоби макотиби олии кишвар ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед!

**Бахтиёр БУРУНОВ**

## ЧАРО МАН КАСБИ ТЕХНОЛОГИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИРО ИНТИХОБ КАРДАМ?

Ҳангоми интихоби касби дӯстдошта кас ба душвориҳо дучор мешавад. Аз ин рӯ, ман хеле барвақт дар бораи касби ояндаам фикр мекардам. Ба андешаи ман, инсон бояд бо коре машғул шавад, ки ба он дилбастагӣ дорад. Ҳар як шахс дорои манфиатҳои худ ва фаъолияти дӯстдоштаи худ аст. Касбиояндаатон бояд шуморо шод гардонад. Ҳамин тавр, вақте ки шумо ба кор меравед, эҳсоси хурсандиро аз иҷрои кори дӯстдоштаатон ҳис мекунед. Ҳар як касб танҳо вақте маҳбуб мешавад, ки онро аз тахти дил дӯст доред. Имрӯзҳо орзуи бисёриҳо доштани касби бонуфузест, ки сертаълаб ва даромади хуб меорад. Ҳар як касб нозукиҳои худро дорад ва аз ҳама муҳимаш ин аст, ки шахс дар интихоби он хато накунад.

Барои интихоб ва ба қадом муассисаи таълимӣ рафтанам вақти зиёд лозим буд. Мехостам муаллим ё бонкдор шавам, аммо ман ба он асос ёфтам, ки касби ояндаи ман технологи хӯрокворӣ аст. Ин касб ояндадор ва даромаднок аст. Дар он шумо метавонед имконияту донишҳои нави замонавиро ба даст оред, ки талабот ба онҳо дар бозори меҳнат бештар аст.

Вазифаи технологҳои хидматрасонии хӯрокворӣ аз санҷиши бехатарӣ ва сифати маҳсулот иборат аст. Обрӯю эътибори хӯроки умумӣ ба технолог низ вобаста аст. Бартарии ин касб дар он аст, ки натанҳо талабот ба он зиёд аст, балки маоши хуб низ дорад.

Боварӣ дорам, ки касби хубро интихоб кардаам ва-ы ин касб ба ман хушбахтӣ меорад. Имрӯзҳо намудҳои зиёди хӯрокхо мавҷуданд, ин маънои онро дорад, ки технологҳои хӯрокворӣ низ навҳои зиёде доранд. Масалан, технологҳои саноати шир. Онҳо ба истеҳсоли шир, сметана, творог, панир, кефир, йогурт назорат мекунанд. Ин гуна мутахассисон сифати ашёи хом, ба кор мувофиқ будани таҷҳизот, мухлат ва пайдарҳамии тайёр кардани маҳсулот, ба стандарт мувофиқ будани бастабандиро қатъиян тафтиш мекунанд. Барои он ки маҳсулот дар байни харидорон серталаб гардад, технологҳо низ дар таҳияи дастурамал (рецепт)-и аслӣ кор мекунанд. Дар сурати муваффақ шудан обрӯи ҳам коргар ва ҳам тамоми корхонаи хӯрокворӣ меафзояд.



Ман касби технологро интихоб карда, бо бисёр нозукиҳои саноати хӯрокворӣ шинос мешавам. Таҷҳизотро меомӯзам, дастурамалҳои зиёди хӯрокворӣ ва асрори технологияҳои нави замонавиро меомӯзам. Ниҳоят, коргари соҳибмаълумот ва масъулиятноки истеҳсолот шуда, ба одамон на танҳо маводи солими озуқаворӣ мебахшам, балки онҳоро бо завқи баланд шод мегардонам.

**Зебои БАХТИЁР,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-36090101-мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрока**

# СУХАН БА ДОНИШҶӮЁН

*ё худ донишгоҳ аз нигоҳи донишҷӯён*

## БА ДОНИШГОҲИ МО БИЁЕД!



Ман, Вафобекова Гулнигин, зодаи ноҳияи зебоманзари Шуғнони ВМКБ мебошам. Вақте муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи мазкурро хатм кардам, масъалаи интихоби касб ба миён омад. Бо шароити таҳсили мактабҳои олии кишвар шинос шуда, аз байни онҳо Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб кардам. Вақт нишон дод, ки воқеан ҳам дар интихоби худ хато накардаам. Зеро ин муассисаи олии таҳсилотии кишвар бо тамоми шароитҳои зарурӣ барои донишҷӯён таъмин буда, ба донишандӯзон дар толорҳои бо техникаву технологияи пешрафта муҷаҳҳаз машғулиятҳо гузаронида мешаванд. Ба донишҷӯён устодони мушфиқу меҳрубон донишу таҷриба меомӯзонанд. Дар донишгоҳ фазои орому мусоид ҷиҳати аз бар кардани ихтисосу касбҳои гуногуни рақобатпазири муосир фароҳам оварда шудааст.

Дар донишгоҳ хобгоҳи донишҷӯён мавҷуд аст, ки барои нафарони эҳтиёҷманди аз ноҳияҳои дурдасти кишвар омада пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, дар донишгоҳ толорҳои муҷаҳҳази компютерӣ, озмоишгоҳ (лаборатория)-ҳои гуногун, толори варзишӣ, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ошхонаи донишҷӯён амал мекунанд, ки ба донишҷӯён хизмат мерасонанд.

Дар дохили донишгоҳи мо боғи зебое воқеъ аст, ки дар байни донишҷӯён бо номи "Гулгашти Мусалло" машҳур аст. Ин гулгашт ниҳоят дилкашу босафо буда, бо гулҳои рангоранги хушрӯю хушбӯй ороиш ёфтааст ва барои истироҳату фароғати донишҷӯён мувофику мусоид аст.

Аз ҳама муҳим он аст, ки дар донишгоҳ фазои солиму созгор барои донишҷӯён муҳайё буда, ҳамзамон пардохти маблағи шартнома нисбат ба муассисаҳои олии касбии дигари ҷумҳурӣ арзонтар аст.

Тартибу интизоми оҳанин дар байни донишҷӯёни мо яке аз беҳтарин афзалиятҳо ба шумор меравад.

Марҳабо азизон, ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон!

**Гулнигин ВАФОБЕКОВА,**
**донишҷӯйи курси якуми факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ**

## АСЛИДДИН СОБИРОВ, ГИРАНДАИ СТИПЕНДИЯИ ПРЕЗИДЕНТӢ



Ман соли 2022 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 77- и шаҳри Душанберо бомуваффақият хатм намуда, худи ҳамон сол аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси 1-25010805- и факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб кардам ва ба тариқи буҷавӣ донишҷӯи ин даргоҳи илму маърифат гардидам.

Ҳоло бошад, дар курси сеюми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат, таҳсил дорам ва гирандаи стипендияи Президентӣ мебошам. Тайи се соли таҳсил дар ин донишгоҳи бонуфуз дар маҳфилҳо, конфронсҳо, корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намуда, дар озмунҳои дохилидонишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намудам. Дар тӯли таҳсил аз ҳамаи устодони дарсдиҳанда барои худ таҷрибаи зиёди касбӣ гирифтам. Устодони донишгоҳ бо мо донишҷӯён муносибати хуб дошта, на танҳо барои аз худ кардани нозукиҳои касби интихобкардаамон заҳмат мекашанд, балки бо маслиҳатҳои хубашон моро дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ҳидоят менамоянд. Бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои раёсати донишгоҳ, аз ҷумла ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар озмуни стипендияи Президентӣ иштирок карда, ҳамчун донишҷӯи фаъол ба гирифтани ин стипендия мушарраф гардидам.

Орзу дорам, ки донишгоҳро бомуваффақият хатм карда, ҳамчун мутахассиси варзида дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, ободию шукуфоии он нақши аришманд гузорам.

Ба шумо довталабони гиромӣ муроҷиат карда гуфтаниам, ки агар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз ҷумла факултети иқтисодиёт ва молияро интихоб намоед, ҳайати омӯзгорону профессорони он орзуҳои шуморо амалӣ мегардонанд.



Соли 2023 тибқи квотаи Президентӣ аз рӯи ихтисоси 1-500102 – тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шудам. Ихтисосеро, ки ман интихоб намудаам бароям хеле писанд буда, тамоми дарсҳо бароям шавқовар мегузаранд. Дар донишгоҳ барои мо донишҷӯён тамоми шароитҳои таълимӣ муҳайё мебошанд. Масалан, озмоишгоҳи дӯзандагӣ бо таҷҳизоти технологӣ, озмоишгоҳи компютерӣ бо компютерҳои наву замонавӣ, тахтаҳои электронӣ ва ғайраҳо ҷиҳозонида шудаанд. Дар факултети технология ва дизайн ба мо донишҷӯён омӯзгорони баландихтисос ва ботаҷриба таълим дода, тамоми нозукиҳои вобаста ба ихтисосро ба мо меомӯзонанд. Дар тӯли ду соли таҳсил мо аллакай мустақилона тасвир намудани нақшҳо, пора кардани қолаб ва дӯхтани либосҳои гуногунро аз худ намудем. Ман аз ихтисоси интихобкардаам розӣ буда, мехоҳам дар оянда дар ВМКБ корхонаи дӯзандагии хусусӣ барои таъмини ҷойҳои кори холӣ ба занон ва бонувони хонашин ташкил намоям. Тавсияи ман барои тамоми довталабон чунин мебошад, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намуда, бароиояндаи худро сохтан талош варзанд.

**Ёғибек Сафина Пайшанбе,**
**донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-500102-тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагии факултети технология ва дизайн**



Камина соли 2019 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14-и шаҳраки Шарораи шаҳри Ҳисорро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, соли 2021 аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 1-40010202 - технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)-и Донишгоҳи технологии Тоҷииксктон, ки орзуи онро доштам, дохил шудам

Бояд бигӯям, ки дар интихоби касби худ хато накардаам. Чунки омӯзгорону профессорон ба мо донишҷӯён нозукиҳои касби интихобнамудаамонро ёд дода, барои мутахассиси варзидаи ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯ буданамон заҳмати зиёд мекашанд. Муносибати самимонаи устодон ва шароитҳои хуби таълиму тарбия имкон фароҳам меоранд, ки мо донишҷӯён соҳибкасбу соҳибмаълумот гардида, дар оянда ба Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ободию шукуфоии он нақши арзандаи хешро гузорем.

Бо боварӣ ба шумо довталабон иброз медорам, ки агар ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз ҷумла технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)-ро интихоб намоед, соҳиби маълумоти олӣ, ҷойи хуби корӣ ва музди меҳнати зиёд мегардед.

**Шоҳрух МАХСУМОВ,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-40010202 - технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)**



**Қабл аз Конференсияи илмӣ - амалӣ дар мавзуи "Нақши Конститутсия ва ҲХДТ дар таҳкими маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон", ки 18-уми октябри соли ҷорӣ ба ифтихори 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии ҲХДТ бахшида шуда буд, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ализода Зариф, муовини якуми раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодизода Парвиз Шодибой ва раиси ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ Абдураҳим Шоҳиён бо дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ шинос гардиданд.**



**Устодону донишҷӯёни донишгоҳ дар рӯзи дарси сулҳ**



**Аз чараёни вохӯрии ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни дар хобгоҳи донишгоҳ истиқоматкунанда**

Фановар

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха*